Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз саҳобаҳо пурсид: "Оё медонед, муфлис (фақир) кист?

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз саҳобаҳо пурсид: "Оё медонед, муфлис (фақир) кист?" Онҳо гуфтанд: Муфлис дар байни мо касе аст, ки молу мулк надошта бошад. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: "Муфлис дар уммати ман касе аст, ки рӯзи қиёмат бо амалҳое мисли, намоз, рӯза ва закот меояд, вале ҳамзамон касеро дашном додааст, бадгӯй кардааст, моли касеро ба ноҳақ хӯрдааст, хуни касеро рехтааст, касеро задааст. Ҳар касеро, ки зулм кардааст, аз ҳасанот ва савобҳои ӯ гирифта ба мазлум дода мешавад. Агар савобҳояш тамом шуданд, аз хатоҳои онҳо гирифта ба ҳисоби ӯ навишта мешавад ва сипас ӯ ба дӯзах андохта мешавад."

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) асҳобашро пурсид: Оё медонед фақир кист? Онҳо гуфтанд: Фақир дар байни мо касе аст, ки молу мулке надорад. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: Фақири умматам касест, ки дар рӯзи қиёмат бо амалҳои хайр мисли намоз, рӯза ва закот меояд, вале ҳамзамон касеро шиканҷа дода, бадгӯй кардааст, дар номуси касе гап задааст, ҳаққи касеро риоят накарда, молашро хӯрдааст, хуни касеро рехта, зулм кардааст, касеро зада, таҳқир намудааст. Ба касе, ки зулм шудааст, аз савобҳояш дода мешавад ва агар савобҳояш пеш аз пардохти ҳаққи мардуми мазлум тамом шавад, гуноҳи мазлумро гирифта, ба ҳисоби ӯ навишта мешавад ва ба дӯзах андохта мешавад, чун ки ӯ дигар аҷру савобе надорад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/6454